# Доварон 4



Published by the Comic Bible Society, LLC
Copyright © 2021

Kingstone Comics maintains copyright to this comic book as provided by United States copyright law.

Print and digital copies of this version may be freely distributed without penalty under a Creative Commons license.


ДАР ЗАМОНҲОИ ҚАДИМ, ҲАНГОМЕ КИ ДОВАРОН БАР ХАЛҚ РОҲБАРӢ МЕКАРДАНД, ҚАҲТИИ САХТЕ РӮЙ ДОД.
ЭЛИМАЛИКИ ЭФРОИМӢ (КИ МАЪНОИ НОМАШ "ХУДОИ МАН ПОДШОҲ АСТ" МЕБОШАД,АЗ БАЙТ-ЛАҲМ БА МӮОБ, КИ АЗ УРДУН БА ШАРҚ БУД, КӮЧИД...
ИН ҚАРОРИ ШУБҲАОВАР БУД. МӮОБ МУДДАТҲО ИНҶОНИБ БО ҲАМҚАВМҲОИ ЭЛИМАЛИК МУНОСИБАТӢ ДУШМАНОНА ДОШТАНД, ЗЕРО ОНҲО МӮОБИЁНРО АВЛОДОНИ ВАЙРОНШУДА МЕҲИСОБИДАНД, КИ ДАР НАТИҶАИ ЗИНО БО ХЕШОВАНДОНИ НАЗДИК ПАЙДО ШУДААНД.
ЭҲТИМОЛ, ЭЛИМАЛИК ШАХСИ БОНУФУЗ БУД, БИНОБАР ИН, ҲАНГОМЕ КИ Ӯ РАФТ, МАРДУМ ЧУНИН ҲИС КАРДАНД, КИ Ӯ ОНҲОРО ПАРТОФТА РАФТ ВА БА ОНҲО ХИЁНАТ НАМУД.
АЗ ИН ҲАМ БАДТАР, БАЪЗЕҲО ГУМОН МЕКАРДАНД, КИ Ӯ ХУДОИ ИСРОИЛРО ТАРК НАМУДА, БА ХУДОЁНИ НАФРАТОВАРИ МӮОБ ИМОН ОВАРДААСТ.
ЗАНИ ЭЛИМАЛИК НООМӢ ("ДИЛПАЗИР") НОМ ДОШТ. ДУ ПИСАРИ ОНҲО МАҲЛӮН ("ДАРДНОК") ВА КИЛЮН ("ИСРОФ") БУДАНД, КИ ДАР ДАВОМИ ҚАҲТӢ ЧУНИН НОМИДА ШУДА БУДАНД.
ЭЛИМАЛИК МУДДАТИ ЗИЁД ДАР МӮОБ МОНД ... ВА ДАР ОН ҶО ВАФОТ КАРД.
ЗАНИ Ӯ, НООМӢ, МАҶБУР БУД БА ТАНҲОӢ ДАР ҲАҚҚИ ПИСАРОНАШ ҒАМХОРӢ КУНАД.
ОНҲО БА ВАТАНИ ХУД…Ё БА ҚОНУНҲОИ ОН НА ОН ҚАДАР ВАФОДОР БУДАНД. КИЛЮН ОРФО НОМ ДУХТАРИ МӮОБИРО БА ЗАНӢ ГИРИФТ. МАҲЛӮН РУТ НОМ ДУХТАРИ МӮОБИРО БА ЗАНӢ ГИРИФТ.
АГАРЧИ РУТ НА ОН ҚАДАР ЗЕБО БУД, Ӯ ЗАНИ БЕҒАРАЗЕ БУД.
АММО Ӯ БАРОИ ШАВҲАРАШ ФАРЗАНДЕ ТАВАЛЛУД НАКАРД.


ҲАР ДУ ФАРЗАНДАШ НИЗ ВАФОТ КАРДАНД. ДАР ҶАҲОНЕ КИ ЗАН ҚАДРУ ҚИМАТИ КАМЕ ДОШТ, ИН БАДТАРИН ВАЗЪИЯТИ ИМКОНПАЗИР БАРОИ БЕВАЗАНИ ПИРОНСОЛ БУД.
ҲАМИН ТАРИҚ...
МОДАР НООМӢ, ЧАРО МО ЧИЗУ ЧОРААМОНРО ҒУНДОШТА ИСТОДАЕМ?
МО БА КУҶО МЕРАВЕМ?
БА ЯҲУДО БАРМЕГАРДЕМ. МАН ШУНИДАМ, КИ ҚАҲТӢ БА ОХИР РАСИДААСТ, ВА АКНУН ДАР ИН ҶО МОРО ЧИЗЕ НИГОҲ НАМЕДОРАД!
АММО ҲАНГОМИ САФАР НООМӢ ДУРУ ДАРОЗ АНДЕША МЕНАМУД ...
ФАРЗАНДОНАМ, ШУМО БА МАН ВА ОИЛААМ ХЕЛЕ МЕҲРУБОН БУДЕД ...
...АММО БОЯД БА ХОНАҲОИ ПАДАРУ МОДАРИ ХУД БА МӮОБ БАРГАРДЕД!
БИГУЗОР ПАРВАРДИГОР ШУМОРО БАРАКАТ ДИҲАД ВА БА ҲАР ДУИ ШУМО БОЗ ШАВҲАР ДИҲАД!
АКНУН ИҶОЗАТ ДИҲЕД ПЕШ АЗ РАФТАНТОН ШУМОРО БӮСА КУНАМ.
НЕ! НЕ!
МОДАР НООМӢ, МО МЕХОҲЕМ БО ТУ БОШЕМ!
МО БО ТУ НАЗДИ ХАЛҚИ ТУ МЕРАВЕМ!


ОҲ, ДУХТАРОНАМ -- БАРГАРДЕД! ЧАРО БО МАН МЕРАВЕД?
МАН ДИГАР ПИСАРОН НАДОРАМ, КИ БАРОИ ШУМО ШАВҲАР ШАВАНД! МАН ХЕЛЕ ПИРОНСОЛ ҲАСТАМ, ТО БОЗ БА ШАВҲАР БАРОЯМ Ё БОЗ ФАРЗАНДДОР ШАВАМ!
ҲАТТО АГАР ХУДИ ҲАМИН ШАБ БА ШАВҲАР БАРОЯМ БОЗ СОҲИБИ ПИСАРОН ШАВАМ, ОЁ ТО КАЛОН ШУДАНАШОН ИНТИЗОРӢ МЕКАШЕД?
НЕ – ВА МАН БАРОИ ШУМО ХЕЛЕ ҒАМГИНАМ, ЧУНКИ ПАРВАРДИГОР ЗИДДИ МАН БАРОМАДААСТ!
ОРФО НООМИРО БӮСИДА ХАЙРУХУШ КАРД … АММО РУТ БА Ӯ МАҲКАМ ЧАСПИД.
ОРФО МЕРАВАД, РУТ… БА Ӯ ҲАМРОҲ ШАВ… НАЗДИ ХАЛҚИ ХУД ВА ХУДОЁНИ ХУД БАРГАРД!
НЕ!
ХОҲИШ МЕКУНАМ, МАРО ВОДОР НАКУН, КИ ТУРО ТАРК НАМОЯМ…
БА ҲАР ҶОЕ КИ ТУ РАВӢ, МЕРАВАМ …
ДАР ҲАР ҶОЕ КИ ТУ МОНӢ, МЕМОНАМ...
ХАЛҚИ ТУ ХАЛКИ МАН МЕШАВАД ВА ХУДОИ ТУ ХУДОИ МАН МЕШАВАД!
ДАР ҲАР ҶОЕ КИ ТУ МУРӢ, МЕМУРАМ ВА БА ХОК СУПУРДА МЕШАВАМ …
БИГЗОР ПАРВАРДИГОР МАРО САХТ ҶАЗО ДИҲАД, АГАР ЧИЗЕ ҒАЙР АЗ МАРГ МАРО АЗ ТУ ҶУДО КУНАД!

РУТ 1:10-17


ХУБ, ХУБ… ДИГАР ДАР БОРАИ БОЗГАШТ БА МӮОБ ГАП НАМЕЗАНЕМ…
ҲАМИН ТАВР ОНҲО РАВОНА ШУДА, ДАР ИБТИДОИ ДАРАВИ ҶАВ БА БАЙТ-ЛАҲМ РАСИДАНД.
АҶАБО! ОЁ ИН ҲАМСОЯИ ПЕШТАРААМОН НООМӢ НЕСТ?
Ӯ ХЕЛЕ ПАРЕШОНҲОЛ МЕТОБАД – МАН ӮРО БАЗӮР ШИНОХТАМ!
КИСТ ИН АҶНАБИИ ХУРДЕ КИ БО ӮСТ?
Ӯ МУОБӢ АСТ!!
ОҲ, НООМӢ – ОЁ ИН ҲАҚИҚАТА Н ТУЙ?
БО ТУ ЧӢ РӮЙ ДОД?
ҲАМАИ ИН СОЛҲО ТУ ДАР КУҶО БУДӢ?
ДӮСТОНАМ, ПАРВАРДИГОР ТАЛХИИ ЗИЁДЕ БАР САРАМ ОВАРД … ШАВҲАРАМ ВА ДУ ПИСАРАМ МУРДАНД ВА ДАР МӮОБ ДАФН КАРДА ШУДАНД.
МАН ПУРГАНҶ РАФТА БУДАМ, АММО ДАСТХОЛӢ БАРГАШТАМ …
МАРО НА НООМӢ, БАЛКИ МОРО НОМЕД… МАРО “ДИЛПАЗИР” НАНОМЕД… МАРО “ТАЛХКОМ” НОМЕД…
БИЁ, МОДАР НООМӢ… ТУРО ҶОЙГИР КУНЕМ.
ОҲ, ЧӢ ШИКАСТЕ БАРОИ НООМӢ – ДАР ИН СИННИ ПИРОНСОЛИЯШ ТАНҲО ҲАМИН МӮОБИИ ИФЛОС БА Ӯ ҒАМХОРӢ МЕКУНАД!



РУТ 1:18-22


АГАРЧИ НООМӢ СОҲИБИ ЗАМИНЕ БУД, КИ БА ЭЛИМАЛИК ТААЛЛУҚ ДОШТ, Ӯ ХОНАЕ НАДОШТ, АЗ ИН РӮ ОНҲО ДАР ХАЙМАИ ОДӢ МЕЗИСТАНД.
БА МО ХӮРОК ДАРКОР АСТ, МОДАР НООМӢ. ОЁ МУМКИН АСТ РАФТА, ХӮШАЧИНӢ КУНАМ? ШОЯД ДАРАВГАРИ ДИЛСӮЗЕ ЁФТ ШАВАД, КИ АЗ ҚАФОЯШ ХӮШАҲОРО ҶАМЪОВАРӢ КУНАМ.
БИРАВ, ФАРЗАНДАМ, АММО БОЭҲТИЁТ БОШ … ДАРАВГАРОН ХЕЛЕ ДАҒАЛ БУДА МЕТАВОНАНД!
ШАРИАТ ТАЛАБ МЕКАРД, КИ КАНОРҲОИ КИШТЗОР ДАРАВИДА НАШАВАНД …
ҲАМИН ТАРИҚ, ДАР КИШТЗОР КАМЕ ҒАЛЛА БОҚӢ МЕМОНД,ТО КИ ОНРО КАМБАҒАЛОН Ё ҒАРИБОН ҶАМЪОВАРӢ КУНАНД (Ё "ХӮШАЧИНӢ КУНАНД").
РУТ ҲАМ КАМБАҒАЛ БУД, ҲАМ ҒАРИБ... Ӯ ИЛОҶИ ДИГАРЕ НАДОШТ, ТО ХУДРО ВА НООМИРО БО ХӮРОКВОРӢ ТАЪМИН НАМОЯД.
ЧУНИН ШУД, КИ Ӯ БА КИШТЗОРИ ЯКЕ АЗ ХЕШОВАНДОНИ ЭЛИМАЛИК ОМАД!
ОН МАРД ДАР БАЙТ-ЛАҲМ СОҲИБИ НУФУЗ ВА ЭЪТИБОР БУД. Ӯ БӮАЗ НОМ ДОШТ (КИ МАЪНОЯШ “ҚУВВАТ ДАР ӮСТ” МЕБОШАД).
Ӯ НИЗ АЙНАН ҲАМОН ВАҚТ АЗ БАЙТ-ЛАҲМ ОМАД, ТО КИ ДАРАВГАРОНАШРО ШОДБОШ ГӮЯД …
ПАРВАРДИГОР БО ШУМО БОД, ФАРЗАНДОНАМ!
ПАРВАРДИГОР ТУРО БАРАКАТ ДИҲАД, ХОҶАИ НЕКӮКОР БӮАЗ!

РУТ 2:1-4



БА МАН БИГӮЕД… ИН ҶАВОНЗАН АЗ ОНИ КИСТ?
Ӯ БО НООМӢ АЗ МӮОБ ОМАДААСТ! Ӯ ХЕЛЕ БООДОБ ВА КОРКУН АСТ!
Ӯ АЗ МАН ИҶОЗАТ ПУРСИД, КИ АЗ ҚАФОИ ДАРАВГАРОН ХӮШАҲОРО ЧИНАД; Ӯ АЗ ХУДИ САҲАРӢ ТО ҲОЛ, ФАҚАТ БО АНДАКЕ ИСТИРОҲАТ, КОР КАРД!
ЭҲ, ҲА… ДАР БОРАИ Ӯ АЗ ДИГАРОН НИЗ ШУНИДА БУДАМ!
АГАРЧИ ДАРАВГАРОН МЕДОНИСТАНД, КИ БӮЯЗ МАРДИ НЕКӮКОР АСТ, ОНҲО АЗ ОН ЧИ БАЪД РӮЙ ДОД, ХЕЛЕ ҲАЙРОН ШУДАНД …
ДАР ҲАҚИҚАТ, ХУДИ РУТ БОЗ БЕШТАР ҲАЙРОН ШУД!
ГӮШ КУН, ДУХТАРАМ, АЗ КИШТЗОРИ ДИГАРОН ХӮША НАЧИН. ҲАМРОҲИ КАНИЗОНИ МАН ДАР ИН ҶО БОШ.
ТУ ДАР БЕХАТАРӢ МЕШАВӢ. МАН БА ХИЗМАТГОРОН ФАРМУДАМ, КИ БА ТУ ДАСТДАРОЗӢ НАКУНАНД.
ҲАР ГОҲ ТАШНА МОНӢ, АЗ ОБЕ КИ ХИЗМАТГОРОН АЗ ЧОҲ МЕКАШАНД, НӮШ.




РУТ 2:5-9


РУТ БАР РӮИ ХУД АФТОДА, ДАР НАЗДИ БӮАЗ ТАЪЗИМ КАРД…
ХОҶААМ, ЧАРО БА МАН, КИ ХОРИҶИЗАНЕ ҲАСТАМ, МАРҲАМАТ МЕНАМОЙ?
ҲАР ОН ЧИ ТУ БАРОИ МОДАРШӮИ ХУД КАРДАӢ, БА ГӮШИ МАН РАСИД… ТУ АҲЛИ ОИЛА ВА ЗАМИНИ ЗОДГОҲИ ХУДРО ТАРК КАРДАӢ, ТО ДАР КИШВАРИ БЕГОНА БА Ӯ ҒАМХОРӢ НАМОӢ!
БИГЗОР ПАРВАРДИГОР, ХУДОИ ИСРОИЛ, БАРОИ ҲАМАИ ОН ЧИ КАРДАӢ, ПОДОШИ ТУРО БА ПУРРАГӢ ДИҲАД. ТУ ОМАДАӢ, ТО ДАР ТАҲТИ БОЛҲОИ Ӯ ПАНОҲ БАРӢ!
ТАШАККУР, ХОҶААМ, КИ БО МАН ЧУН БО ЯКЕ АЗ НАЗДИКОНИ ХУД МУНОСИБАТ НАМУДӢ, АГАРЧИ МАН ЧУНИН НЕСТАМ!
ДЕРТАР, ЧУН ВАҚТИ ХӮРОК РАСИД …
ИН ҶО БИЁ ВА НОН ХӮР ВА ЛУҚМАИ ХУДРО ДАР СИРКО ҒӮТОН.
ПАС РУТ БО ДАРАВГАРОН ХӮШАҲОИ БИРЁН ХӮРДА СЕР ШУД. ВА ҲАТТО КАМЕ БО ХУД НИГОҲ ДОШТ.
БАЪД Ӯ БА ХӮШАЧИНӢ БАРГАШТ.

РУТ 2:10-14


ИН ҶАВОНЗАН ХИСЛАТИ ХУБ ДОРАД. АГАР Ӯ ДАР МИЁНИ БАНДҲО НИЗ ЧИНАД, БАРОИ ИН ХАТОИ СОФДИЛОНААШ ТАЪНАЕ НАЗАНЕД.
ВА ДАРВАГАРОН БОЯД АЗ ДАСТАҲО НИЗ БАРОИ ВАЙ БАРОВАРДА ПАРТОЯНД, ТО ЧИНАД.
ХУБ, ХОҶААМ.
ҲАМИН ТАВР РУТ ТО БЕГОҲӢ ХӮШАЧИНӢ КАРД. БАЪД ОН ЧИ ЧИДА БУД, КӮФТ. ҶАВИ ЧИДААШ ТАҚРИБАН ЯК ЭФА (22 ЛИТР) БАРОМАД!
Ӯ ОНРО БО БОҚИМОНДАИ ХӮРОКАШ БА НАЗДИ НАОМӢ БУРД.
АҶАБО, ДУХТАРАМ! ИМРӮЗ ДАР КУҶО ЧИДӢ? АЛБАТТА, ЯГОН КАС БА ТУ АҲАМИЯТ ДОДА, БАРОЯТ ТАЪМИНОТИ ХУБ ФАРОҲАМ НАМУДААСТ!
ҲА, ШАХСЕ КИ ИМРӮЗ ДАР КИШТЗОРАШ КОР КАРДАМ, БА МАН ХЕЛЕ МЕҲРУБОН БУД.
НОМИ Ӯ БӮАЗ АСТ.



РУТ 2:15-19


ПАРВАРДИГОР ОН ШАХСИ МУҲТАРАМРО БАРОИ ОН ЧИ ИМРӮЗ КАРДААСТ, БАРАКАТ ДИҲАД!
РУТ -- ОЁ МЕДОНӢ, КИ ИН ЧӢ МАЪНО ДОРАД? ПАРВАРДИГОР МОРО ТАРК НАКАРДААСТ!
ОН МАРД БА МО НАЗДИК АСТ; Ӯ АЗ ФИДИЯДЕҲОНИ МОСТ!
ВА НА ТАНҲО БАРОИ ИМРӮЗ, МОДАР НООМӢ. Ӯ БО ИСРОР БА МАН ГУФТ, КИ ҲАР РӮЗ ОМАДА, ХӮШАЧИНӢ КУНАМ... ВА ДОИМО ҲАМРОҲИ ДАРАВГАРОНИ Ӯ БОШАМ"!
ИНҲО ХАБАРҲОИ НЕК ҲАСТАНД, ДУХТАРАМ… ВА, АЛБАТТА, БАРОИ БЕХАТАРӢ ДАР НАЗДИ КАНИЗОНИ Ӯ БИМОН!
ҲАМИН ТАВР, РУТ ТО ВАҚТИ БА ОХИР РАСИДАНИ ДАРАВИ ҶАВ ВА ГАНДУМ БА ДАСТАИ ДАРАВГАРОНИ БӮАЗ ҲАМРОҲ БУД.
ВА РУТ ДАР НАЗДИ МОДАРШӮЯШ МОНДА, ӮРО ДАР ҲАМАИ ОН ЧӢ ҲАР РӮЗ ҶАМЪОВАРӢ МЕКАРД, ШАРИК МЕГАРДОНД.

РУТ 2:20-23


НИҲОЯТ, РӮЗЕ…
ДУХТАРАМ, МАН БОЯД БАРОЯТ ҶОИ ОРОМӢ ҶӮЯМ … БО КАСЕ КИ ПАС АЗ САРИ МАН БА ТУ ҒАМХОРӢ КУНАД!
ВА БА ФИКРАМ, БӮАЗ ИНТИХОБИ БЕҲТАРИН АСТ!
ДАР НИҲОЯТИ КОР, МАГАР Ӯ ХЕШОВАНДИ МО НЕСТ?
ГӮШ КУН, ДУХТАРАМ… ИМШАБ Ӯ ДАР ХИРМАНГОҲ КОР МЕКУНАД …
ШУСТУШӮ КУН... БА ХУД АТР МОЛ, ВА ЛИБОСИ ХУДРО ПӮШ... ВА БА ОН ҶОЙ РАВ!
ХУДРО БА Ӯ НИШОН НАДЕҲ, ТО ВАҚТЕ КИ ХӮРДАН ВА НӮШИДАНРО ТАМОМ КУНАД …
БАЪД, ҲАНГОМЕ КИ ХОБАД, ҶОЕРО, КИ Ӯ ХОБИД, ДАР ХОТИР ДОР …
РАФТА, ПӮШИШИ ПОЙҲОЯШРО ЯК ТАРАФ КУН … ВА ДАР ОН ҶО ДАРОЗ КАШ… Ӯ БА ТУ МЕГӮЯД, КИ ЧӢ КОР БОЯД КУНӢ.
ИН ХАТАРНОК АСТ… АММО БАРОИ РУТ ТАЪМИН НАМУДАНИ ШАВҲАР БЕНИҲОЯТ ЗАРУР АСТ!
МАН… ҲАР ОН ЧИ БА МАН ГУФТӢ, БА ҶО МЕОВАРАМ …



РУТ 3:1-15



СИПАС…
МАН ХЕЛЕ МЕТАРСАМ …
АММО БОЯД ИН КОРРО КУНАМ, ТО КИ БАРОИ МОДАРШӮЯМ ХОТИРҶАМЪИРО ТАЪМИН НАМОЯМ …
ТО БАРОИ БАРҚАРОР НАМУДАНИ ОИЛААШ ЁРӢ ДИҲАМ!
ПАС АЗ ОН КИ БӮАЗ ХОБИД, РУТ ОҲИСТА ОМАДА, НАЗДИ ПОЙҲОИ Ӯ ДАРОЗ КАШИД.
НИСФИ ШАБ ОН МАРД ТАРСИД ВА ЯК ҚАД ПАРИДА ХЕСТ ВА ДИД, КИ ЗАНЕ ПЕШИ ПОЙҲОИ Ӯ ДАРОЗ КАШИДААСТ!
ИН КИСТ? ТУ КИСТӢ?
МАН КАНИЗИ ТУ — РУТ ҲАСТАМ, ХОҶААМ.
ХОҲИШ МЕКУНАМ, ЛИБОСИ ХУДРО БАР КАНИЗИ ХУД ПАҲН НАМО ВА КАНИЗАТРО ҲАМЧУН ЗАНИ ХУД ҚАБУЛ НАМО …
ЗЕРО ТУ ХЕШИ НАЗДИК ВА ҲИМОЯТГАРИ ОИЛАИ МАН ҲАСТӢ!
БАРАКАТ ЁБ, ДУХТАРАМ… АЗ ҚАФОИ МАРДИ ҶАВОН НАРАФТӢ, ХОҲ БЕНАВО БОШАД, ХОҲ САРВАТДОР.
ИН КОРАТ БЕШ АЗ ҲАМАИ КОРҲОИ ДИГАРАТ НИШОН МЕДИҲАД, КИ ТУ БА НООМӢ ХЕЛЕ ВАФОДОР ҲАСТӢ!


НАТАРС, ДУХТАРАМ, МАН ҲАМА КОРИ ЗАРУРИРО БАРОИ ТУ МЕКУНАМ, ЗЕРО ҲАМШАҲРИЁНИ МАН МЕДОНАНД, КИ ТУ ЗАНИ ХУБ ҲАСТӢ.
АММО, АГАРЧИ МАН ФИДИЯДЕҲ ҲАСТАМ, АММО ФИДИЯДЕҲИ НАЗДИКТАРЕ НИЗ ҲАСТ. ПАГОҲӢ МАН МАЪЛУМ МЕКУНАМ, КИ ОЁ Ӯ БАРОИ ТУ ФИДИЯ МЕДИҲАД Ё НЕ.
АГАР Ӯ ФИДИЯ ДОДАНӢ БОШАД, БИГУЗОР ЧУНИН КУНАД …
ВА АГАР Ӯ НАХОҲАД, ҚАСАМ БА ПАРВАРДИГОР, КИ МАН БАРОИ ТУ ФИДИЯ МЕДИҲАМ.
ТО ПАГОҲӢ ИН ҶО ХОБ КУН, ДУХТАРАМ… ҲОЗИР РАФТАНАТ БЕХАТАР НЕСТ!
ВА РУТ ТО СУБҲ ОН ҶО МОНД… БАЪД БӮАЗ ДУО КАРД:
ЭЙ ПАРВАРДИГОР, ТУ МЕДОНӢ, КИ МАН БА РУТ ДАСТ НАРАСОНДААМ …
ХОҲИШ МЕКУНАМ, МАРДУМ НАФАҲМАНД, КИ ИН ЗАН БА ИН ҶО ОМАДА БУД, ТО КИ НОМИ ТУ БА ВОСИТАИ МАН СИЁҲ НАШАВАД.
БАЪД БӮАЗ БА РУТ ТО ҚАДАРЕ КИ БАРДОШТА МЕТАВОНИСТ, ҒАЛЛА ДОД …. ТӮҲФАИ ХУБ, ТО БА НООМӢ НИШОН ДИҲАД, КИ РУТРО БО ШАРМАНДАГӢ РАВОНА НАКАРДААСТ.
ҲАМИН ТАВР, РУТ БА БАЙТ-ЛАҲМ БАРГАШТ …
КОРҲОЯТ ЧӢ ТАВР АСТ, ДУХТАРАМ?



РУТ 3:11-16


РУТ ҲАР ОН ЧИ БӮАЗ БАРОЯШ КАРД, БА НООМӢ ГУФТ …
… ИН ШАШ АНДОЗА ҶАВРО БА МАН ДОДА, ГУФТ, КИ "НАЗДИ МОДАРШӮИ ХУД ДАСТХОЛӢ НАРАВ"!
ИНТИЗОР ШАВ, РУТ… ОН МАРД ТО ИН КОРРО ИМРӮЗ БУД НАКУНАД, ОРОМ НАМЕШАВАД!
ДАР ҲАҚИҚАТ, БӮАЗ РОСТ НАЗДИ ДАРВОЗАИ ШАҲР ОМАД, ТО ДАР ОН ҶО БО ФИДИЯДЕҲИ ДИГАР ВОХӮРАД …
ЭЙ ФАЛОНӢ, ОМАДА, ИН ҶО НИШИН!
САЛОМ, ХЕШАМ БӮАЗ …
"МО БОЯД ЯК МАСЪАЛАРО ЯКТАРАФА КУНЕМ!"
БАЪД БӮАЗ АЗ ДАҲ НАФАР ПИРОНИ ШАҲР ХОҲИШ КАРД, КИ НАЗДИ Ӯ НИШИНАНД. (ОНҲО САРВАРОНИ АВЛОДҲО Ё САРВАРОНИ ХОНАВОДАҲО БУДАНД, КИ БАЙТЛАҲМРО ИДОРА МЕКАРДАНД.)
ТАШАККУР, БАРОДАРОНАМ. ЯК МАСЪАЛАИ МУҲИМЕ ҲАСТ, КИ МАН БОЯД ДАР ИН ҶО БО ХЕШАМ МУҲОКИМА НАМОЯМ.
НООМӢ, КИ АЗ ҲУДУДИ МӮОБ БАРГАШТААСТ, ҚИТЪАИ ЗАМИНЕРО, КИ АЗ ОНИ ХЕШАМОН ЭЛИМАЛИК ДАР ЗАМОНИ ҚАҲТӢ БА ГАРАВ МОНДА БУД, МЕФУРӮШАД...


МАН БА ТУ МЕГӮЯМ: ОНРО БА ҲУЗУРИ ИН ПИРОНИ ҚАВМИ МАН БИХАР. АГАР ФИДИЯ МЕДИҲӢ — ДЕҲ …
АГАР НЕ, БА МАН ГӮЙ, ТО МАН ФИДЯ ДИҲАМ, ЗЕРО НАВБАТИ МАН БАЪД АЗ ТУСТ!
ҲММММ…
АГАР ЧУНИН КУНАМ, ЛОЗИМ МЕОЯД НООМИРО, КИ АЗ СИННИ БАЧАЗОЙ ГУЗАШТААСТ, БА ЗАНӢ ГИРАМ … ҲАМИН ТАРИҚ, ЗАМИН ТАМОМАН АЗ ОНИ МАН МЕШАВАД!
АЛБАТТА, МАН ФИДИЯ МЕДИҲАМ!
БОЯД БАРОЯТ ФАҲМО БОШАД, КИ ЧУН ЗАМИНРО МЕХАРӢ, БОЯД РУТИ МӮОБӢ — ЗАНИ МАҲЛУНИ МАРҲУМРО БА ЗАНӢ ГИРӢ, ВА ПИСАРЕ КИ БО Ӯ БА ДУНЁ МЕОВАРӢ, АЗ ҶИҲАТИ ҚОНУН АЗ ОНИ МАҲЛУН ХОҲАД БУД.
ЧӢ--?! ИН МАЪНОИ ОНРО ДОРАД, КИ ОН ЗАМИН ДАР АСЛ ҲЕҶ ГОҲ АЗ ОНИ МАН НАМЕШАВАД … БА ИН КОР МАБЛАҒГУЗОРӢ НАМУДА, МАН АНДОЗАИ МОЛИКИЯТИ ХУДРО КАМ МЕКУНАМ!
НЕ, НЕ, НЕ—ИН БА МАН МУВОФИҚ НАМЕОЯД! ИН КОР АҲВОЛИ МОЛИЯВИИ МАРО БАД МЕКУНАД!
АГАР ХОҲӢ, ХУДАТ ФИДИЯ ДЕҲ… ЗЕРО МАН ИН КОРРО КАРДАН НАМЕХОҲАМ!
(ДАР ОН ЗАМОН ДАР СОҲАИ ФИДИЯ БАРОИ ТАСДИҚИ ДОДУГИРИФТ ЧУНИН ОДАТЕ БУД, КИ ЯКЕ ДАР ҲУЗУРИ ШОҲИДОН ПОЙАФЗОЛИ ХУДРО КАШИДА БА ДИГАРЕ МЕДОД.)


ҲАМАИ ШУМО ШОҲИД ҲАСТЕД, КИ ҲАР ОН ЧИ АЗ ОНИ ЭЛИМАЛИК ВА ПИСАРОНИ Ӯ БУД, МАН АЗ НООМӢ ХАРИДАМ!
ВА НИЗ РУТИ МӮОБИРО ХАРИДАМ, ТО ЗАНИ МАН БОШАД, ТО КИ НОМ ВА МЕРОСИ ОИЛАРО БАРҚАРОР НАМОЯМ!
ШУМО ИМРӮЗ ШОҲИДОНИ ҲАМАИ ИН ҲАСТЕД!!
ҲА! МО ҲАҚИҚАТАН ШОҲИД ҲАСТЕМ!
ШАХСИ НА ОН ҚАДАР НАҶИБ, ЭҲТИМОЛ, БА ХЕШАШ ОСЕБ МЕРАСОНД …
…БО МУОМИЛАИ ПИНҲОНӢ ОИД БА ХАРИДАНИ ЗАМИН Ё БА ЗАНӢ ГИРИФТАНИ БЕВАЗАНИ ҶАВОН…
…АММО ТУ БО НАЗАРДОШТИ ҲАМАИ ОҚИБАТҲО ОШКОРО АМАЛ НАМУДӢ!
БИГЗОР ПАРВАРДИГОР РУТРО МОНАНДИ РОҲЕЛ ВА ЛЕЁ ГАРДОНАД, КИ ПИСАРОНИ ОНҲО ПАДАРОНИ ДУВОЗДАҲ ҚАБИЛА ГАРДИДАНД!
БИГЗОР ХОНАИ ТУ МОНАНДИ ХОНАИ ФОРАС БОШАД, — КИ ӮРО ТОМОР БАРОИ ЯҲУДО ЗОИДА БУД, — АЗ ОН НАСЛЕ КИ ПАРВАРДИГОР БА ТУ АЗ РУТ МЕБАХШАД!

РУТ 4:9-12



ВА БӮАЗ РУТРО ГИРИФТ... ВА АГАРЧИ Ӯ АЗ ШАВҲАРИ АВВАЛААШ ФАРЗАНД НАДОШТ, ПАРВАРДИГОР БА РУТ ПИСАРЕ ДОД …
МУБОРАК АСТ ПАРВАРДИГОР, КИ ТУРО БЕ ФИДИЯДЕҲ НАГУЗОШТ!
БИГЗОР НОМИ Ӯ ДАР ТАМОМИ ИСРОИЛ ШИНОХТА ШАВАД!
Ӯ БАРОИ ТУ ҶОНБАХШ МЕШАВАД ВА ДАР ПИРОНСОЛИЯТ БА ТУ ҒАМХОРӢ МЕКУНАД …
… ЗЕРО КЕЛИНАТ, КИ БАРОЯТ АЗ ҲАФТ ПИСАР ХУБТАР АСТ, ӮРО ЗОИД!
ҲА! БАРОИ НООМӢ ПИСАРЕ ТАВАЛЛУД ШУД!!!
… ВА ӮРО УБИД (“ХИЗМАТГОР”) НОМ ДОДАНД.
ИН АСТ НАСЛИ ФОРАС, ПАДАРИ ҚАБИЛАИ МАШҲУРТАРИН ДАР ЯҲУДО, КИ БӮАЗ БА ОН ТААЛЛУҚ ДОШТ...
ФОРАС ҲЕСРӮНРО БА ДУНЁ ОВАРД...
ВА ҲЕСРӮН РОМРО БА ДУНЁ ОВАРД…
ВА РОМ АММИНОДОБРО БА ДУНЁ ОВАРД...
АММИНОДОБ НАҲШӮНРО БА ДУНЁ ОВАРД …
НАҲШӮН САЛМӮНРО БА ДУНЁ ОВАРД …
САЛМӮН БӮАЗРО БА ДУНЁ ОВАРД
БОЗАХОИ АВТОМОБИЛГАРДИ … БУЗАШТ АЗ ОЗОДИ …
УБИД ИШОЙРО БА ДУНЁ ОВАРД …
ИШОЙ ДОВУДРО БА ДУНЁ ОВАРД, КИ ПОДШОҲИ БУЗУРГИ ИСРОИЛ БУД.
БИНОБАР ИН, РУТ ВА БӮАЗ АҶДОДОНИ ИСОИ МАСЕҲ БУДАНД!


ЭЛҚОНО НОМ МАРДЕ КИ ДАР КӮҲИСТОНИ ЭФРОИМ МЕЗИСТ, ДУ ЗАН ДОШТ.
НОМИ ЯКЕ ҲАННО ВА НОМИ ДИГАРЕ ФАНИННО БУД.
ФАНИННО ФАРЗАНДОН ТАВАЛЛУД КАРД, ВАЛЕ ҲАННО ФАРЗАНД НАДОШТ.
ОН МАРД ҲАР СОЛ БА ШАҲРИ ШИЛӮ МЕРАФТ, ТО КИ ҚУРБОНӢ КУНАД.
ДАР ОН ҶО ДУ НАФАР КОҲИНОН БУДАНД, ҲУФНӢ ВА ФИНҲОС, ПИСАРОНИ КОҲИН ЭЛӢ
ДАР РӮЗИ ҚУРБОНӢ ЭЛҚОНО БА ЗАНИ ХУД ФАНИННО ВА БА ҲАМАИ ПИСАРОН ВА ДУХТАРОНИ ВАЙ АЗ ГӮШТИ ҚУРБОНӢ ҲИССАҲО МЕДОД.
ВАЛЕКИН БА ҲАННО ҲИССАИ ДУЧАНД МЕДОД, ЗЕРО КИ ҲАННОРО ДӮСТ МЕДОШТ – ВА БАРОИ Ӯ, КИ ЗОИДА НАМЕТАВОНИСТ, ДИЛСӮЗӢ МЕКАРД.
ШОЯД ХУДО ТУРО ФАРОМӮШ КАРДА БОШАД – ТУ ФАРЗАНДДОР ШУДА НАМЕТАВОНӢ.
АММО МАН – БАРОИ ШАВҲАРАМОН ҲАМ ПИСАРОН, ҲАМ ДУХТАРОН ЗОИДА МЕТАВОНАМ.
ЧАРО ЧИЗЕ НАМЕХӮРӢ ВА ЧАРО ГИРЯ МЕКУНӢ?
МАГАР МАН БАРОИ ТУ АЗ ДАҲ ПИСАР БЕҲТАР НЕСТАМ?


БОРЕ, ҲАНГОМЕ КИ ОНҲО БА ШИЛӮ БАРОИ ПАРАСТИШ РАФТА БУДАНД, ҲАННО БАРОИ ДУО БА ХАЙМА РАФТ.
ЭЙ ПАРВАРДИГОРИ ЛАШКАРҲО! АГАР БА АЗОБИ МАН НАЗАР АНДОЗӢ ВА ПИСАРЕ БА МАН АТО КУНӢ, МАН ӮРО ТАМОМИ РӮЗҲОИ УМРАШ БА ТУ МЕДИҲАМ.
ЧАРО БА ХАЙМАИ ПАРВАРДИГОР МАСТ ШУДА МЕОЙ? МАЙРО АЗ ХУД ДУР КУН!
НЕ, ХОҶААМ; МАН ЗАНИ ДИЛШИКАСТАЕ ҲАСТАМ ВА ДИЛАМРО БА ҲУЗУРИ ПАРВАРДИГОР ХОЛӢ КАРДАМ.
МАН ЗАНИ НОБАКОРЕ НЕСТАМ; ФАҚАТ ПУР АЗ АНДӮҲ ВА КУЛФАТ ҲАСТАМ.
БО ОСОИШ РАВ, ВА ХУДОИ ИСРОИЛ ХОҲИШИ ТУРО, КИ АЗ Ӯ ИЛТИМОС КАРДАЙ, БА АМАЛ МЕОВАРАД.
КОШКИ КАНИЗИ ТУ ДАР НАЗАРАТ МАРҲАМАТ ЁБАД.
ХУДО ДУОИ ӮРО ШУНИД, ВА Ӯ ҲОМИЛА ГАРДИДА, БА ШАВҲАРАШ ЭЛҚОНО ПИСАРЕ ЗОИД.
ВА ӮРО САМУИЛ НОМИД, КИ МАЪНОЯШ "АЗ ҶОНИБИ ХУДО ШУНИДАШУДА" АСТ.


ОЁ БАРОИ ҚУРБОНИИ СОЛОНА БАРОИ ПАРВАРДИГОР БО МАН НАМЕРАВӢ?
ВАҚТЕ КИ ПИСАР АЗ СИНА ҶУДО ШАВАД, ӮРО МЕБАРАМ, ВА ӮРО НАЗДИ ПАРВАРДИГОР ҲОЗИР МЕКУНАМ.
БАЪД Ӯ ДАР ОН ҶО БА ТАВРИ ДОИМӢ МЕМОНАД.
ҲАННО БА ҚАВЛАШ ВАФО КАРДА, БА ХОНАИ ПАРВАРДИГОР ҚУРБОНИҲО, ВА АЗ ҲАМА МУҲИМТАР – ПИСАРАШРО ОВАРД.
Ӯ САМУИЛРО БАРОИ ТАМОМИ РӮЗҲОИ УМРАШ БА ПАРВАРДИГОР ТАҚДИМ НАМУД.
БА ҲАЁТАТ ҚАСАМ МЕХӮРАМ , КИ МАН ҲАМОН ЗАН ҲАСТАМ, КИ НАЗДИ ТУ ИСТОДА, ГИРЯ МЕКАРДАМ.
МАН БАРОИ ҲАМИН КӮДАК ДУО КАРДА БУДАМ, ВА АКНУН ӮРО БА ПАРВАРДИГОР ТАҚДИМ МЕНАМОЯМ.
Ӯ ТАМОМИ РӮЗҲОИ УМРИ ХУД ТАҚДИМ БАРОИ ПАРВАРДИГОР МЕШАВАД.
ДИЛИ МАН ДАР ПАРВАРДИГОР ХУРСАНД ШУДААСТ; ҚУВВАТИ МАН ДАР ПАРВАРДИГОР БАЛАНД ШУДААСТ
ДИГАРЕ ҒАЙР АЗ ТУ НЕСТ; ВА КӮҲПОРАЕ МОНАНДИ ХУДОИ МО НЕСТ.
… Ӯ БА ПАСТӢ МЕАФТОНАД ВА БАЛАНД МЕБАРДОРАД.
ВА ПАДАРУ МОДАРИ ПИСАР БА ХОНАИ ХУД БАРГАШТАНД, АММО ПИСАР НАЗДИ ЭЛИИ КОҲИН ХИЗМАТГУЗОРИ ПАРВАРДИГОР ШУД.


ВАЛЕКИН ПИСАРОНИ ЭЛӢ ШАХСОНИ НОБАКОР БУДАНД …
ТУ НАБОЯД ОН ПОРЧАИ ГӮШТРО БИГИРӢ!
ҲАМЧУН КОҲИН, МАН ҲАР ПОРЧАИ МЕХОСТААМРО ГИРИФТА МЕТАВОНАМ.
БО МАН БИЁ!
ТУ ЧӢ ТАВР МЕТАВОНӢ ЧУНИН КУНӢ? МО ДАР ИН ҶО ХУДОРО ПАРАСТИШ МЕКУНЕМ.
ОНҲО БО ҲАР РОҲ ҚУРБОНИИ ПАРВАРДИГОРРО ХОР МЕДОШТАНД.
… ГУНОҲИ ОНҲО ДАР ПЕШИ ХУДО ХЕЛЕ АЗИМ БУД.
МОДАРИ САМУИЛ БАРОИ Ӯ ҶОМАИ ХУРДЕ ДӮХТ, ВА Ӯ ЭФӮДИ КАТОН ДАР ТАН ДОШТ, АЙНАН ЧУН ЭФӮДИ ЭЛӢ.
ВА ЭЛӢ БАРОИ ЭЛҚОНО ВА ЗАНАШ ДУОИ ХАЙР ГУФТ.
БИГЗОР ПАРВАРДИГОР БА ТУ ДАР ИВАЗИ ИН ПИСАР, КИ ИН ЗАН БАРОЯШ ДУО КАРДА БУД, ФАРЗАНДОН АТО ФАРМОЯД.
ВА ХУДО БА ОНҲО СЕ ПИСАР ВА ДУ ДУХТАР АТО НАМУД.
КОҲИН ПИСАРОНАШРО БАРОИ РАФТОРИ БАДАШОН САРЗАНИШ МЕНАМУД…
АГАР КАС БАР ЗИДДИ КАСЕ ГУНОҲ КУНАД, ХУДО БАРОИ Ӯ МИЁНАРАВӢ КАРДА МЕТАВОНАД, ВАЛЕ АГАР КАС ЗИДДИ ХУДО ГУНОҲ КУНАД, КӢ БАРОИ ВАЙ ШАФОАТ МЕНАМОЯД?
… ВАЛЕ ДИЛҲОИ ОНҲО САХТ БУДАНД ВА ОНҲО БА ОВОЗИ ПАДАРАШОН ГӮШ НАДОДАНД.




I САМУИЛ 2:26 - 36



ДАР ОН АЙЁМ КАЛОМ АЗ ҶОНИБИ ПАРВАРДИГОР КАМЁФТ БУД.
АММО ШАБЕ ПАРВАРДИГОР ГАП ЗАД…
ЛАББАЙ.
ЛАББАЙ; ТУ МАРО ДАЪВАТ КАРДӢ.
НЕ, ПИСАРАМ, МАН ТУРО ДАЪВАТ НАКАРДААМ. БАРГАШТА, ХОБ КУН.
ПАС АЗ ОН КИ ИН СЕ БОР ТАКРОР ШУД, ЭЛӢ ДАСТУР ДОД …
ҲАНГОМЕ КИ БОЗ ИН ОВОЗРО ШУНАВӢ, ГӮЙ: “ЭЙ ПАРВАРДИГОР, ГӮЙ, ЗЕРО КИ БАНДААТ МЕШУНАВАД”.
САМУИЛ! САМУИЛ!
ГӮЙ, ЗЕРО КИ БАНДААТ МЕШУНАВАД.
МАН КОРЕ ДАР ИСРОИЛ МЕКУНАМ, ВА ҲАР КАСЕ КИ ДАР БОРАИ ОН ШУНАВАД, ҲАР ДУ ГӮШАШ САДО. МЕДИҲАД.
МАН БАР ЭЛӢ ҲАР ОН ЧИРО, КИ ДАР БОРАИ ХОНАДОНАШ ПЕШГӮӢ КАРДААМ, ИҶРО МЕКУНАМ.
ПИСАРОНАШ БА МАН БЕҲУРМАТӢ КАРДАНД, ВАЛЕ Ӯ ОНҲОРО ҶИЛАВГИРӢ НАКАРД.
ГУНОҲИ ОНҲО ТО АБАД КАФОРАТ НАМЕШАВАД.




I САМУИЛ 3:15-21


ПЕШГӮИИ ХУДО ИҶРО ШУД ВА МИҚДОРИ ЗИЁДИ ФАЛИШТИЁН БА ҶАНГИ ЗИДДИ ИСРОИЛ БАРОМАДАНД.
ДАР РӮЗИ АВВАЛИ ҶАНГ ЗИЁДА АЗ 4 000 ИСРОИЛӢ КУШТА ШУДАНД.
ЧАРО МО МАҒЛУБ ШУДЕМ?!
МО БОЯД САНДУҚИ АҲДИ ПАРВАРДИГОРРО АЗ ШИЛӮ НАЗДИ ХУД БИЁРЕМ.
ЧАРО ПАРВАРДИГОР ЧУНИН КАРД?
ЙАААҲҲҲ!!
АКНУН МО МАҒЛУБ ШУДА НАМЕТАВОНЕМ – ХУДО БО МОСТ, ЗЕРО САНДУҚИ ПАРВАРДИГОР ДАР БОШИШГОҲИ МОСТ.
САНДУҚИ ПАРВАРДИГОР МОРО МАҒЛУБНОПАЗИР МЕГАРДОНАД.
ХУДО БА БОШИШГОҲ ДОХИЛ ШУДАААСТ. ВОЙ БА ҲОЛИ МО!
ИН ҲАМОН ХУДОЕСТ, КИ МИСРИЁНРО ДАР БИЁБОН ФУРӮ ҒАЛТОНДААСТ!
ДАЛЕР БОШЕД ВА МАРДВОР РАФТОР КУНЕД -- ВАГАРНА БА ИБРИЁН ТОБЕЪ МЕШАВЕД.


РӮЗИ ДИГАР БОЗ БЕШТАР ИСРОИЛИЁН КУШТА ШУДАНД – СӢ ҲАЗОР САРБОЗ ДАР ПЕШИ ЛАШКАРИ ФАЛИШТИЁН АФТИДАНД.
ВА САРБОЗОНИ ФАЛИШТӢ МУКОФОТИ БУЗУРГ – САНДУҚИ ХУДОРО БА ДАСТ ОВАРДАНД.
ПЕШГӮИИ ПАРВАРДИГОР ИҶРО ШУД –ҲАР ДУ ПИСАРИ БАДКИРДОРИ ЭЛӢ ДАР ЯК РӮЗ КУШТА ШУДАНД.


ИН САДОИ ҒУЛҒУЛА ЧИСТ – ВА САНДУҚИ ХУДО КУҶОСТ?
МО ДАР ПЕШИ ФАЛИШТИЁН ФУРӮ ҒАЛТИДЕМ ВА ШИКАСТИ АЗИМЕ РӮЙ ДОД
ДУ ПИСАРАТ МУРДАНД....
… ВА САНДУҚИ ХУДО АКНУН ДАР ДАСТИ ФАЛИШТИЁНИ БЕХАТНА АСТ.
ҲАНГОМЕ КИ ЭЛӢ ХАБАРҲОИ ФОҶИАВИРО ШУНИД, ПУШТНОКӢ АФТОД, ВА ГАРДАНАШ ШИКАСТА, МУРД.
КЕЛИНИ Ӯ, ЗАНИ ФИНҲОС, ҲОМИЛА ВА МОҲУ РӮЗАШ ПУР БУД, ВА ЗОИД.
ВА ДАР ВАҚТИ МУРДАНАШ ЧУНИН ДАСТУР ДОД…
ПИСАРРО ИХОБӮД НОМ ГУЗОРЕД – ЗЕРО ҶАЛОЛ ИСРОИЛРО ТАРК КАРД.


ФАЛИШТИЁНИ ҒОЛИБ САНДУҚИ ХУДОРО АЗ МАҲАЛЛИ ҒАЛАБА ДАР ЭБЕН-ЭЗЕР БА ШАҲРИ КАЛОНИ ХУД АШДӮД ОВАРДАНД.
ВА ФАЛИШТИЁН САНДУҚИ АҲДРО ДАР БУТХОНАИ ХУД ДАР НАЗДИ БУТИ ДОҶӮН ГУЗОШТАНД.
РӮЗИ ДИГАР …
БО ДОҶӮН ЧӢ ШУДААСТ?!
ОН РӮ БА ЗАМИН ҒАЛТИДААСТ! КӢ ИН КОРРО КАРДААСТ?
ДОҶӮН БОЯД ДАР ҶОИ ҚОНУНИИ ХУД ИСТАД.
…ТО КИ МАРДУМИ МОРО НАЗОРАТ НАМОЯД, ХОҲ ДАР БАҲР БОШЕМ, ХОҲ ДАР ХУШКӢ.
…Ё ДАР ҶАНГ.
РӮЗИ ДИГАР …
ДОҶӮН – ДАСТОНАШ БУРИДА ШУДААНД …
ВА САРАШ… ДАР ОСТОНА ХОБИДААСТ.
МО ХУДОИ ЯҲУДИЁНРО ХАШМГИН КАРДЕМ!


САНДУҚИ ХУДОИ ИСРОИЛРО ДУР КУНЕД – ОН БО МО НАМОНАД!
ДАСТИ Ӯ БАР МО ВА БАР ХУДОИ МО ДОҶӮН ГАРОН ОМАД.
ДАФЪАИ ДИГАР НА САРИ ДОҶӮН – САРҲОИ МО БУРИДА ХОҲАНД БУД!
ХУБ, МО ОНРО БА ШАҲРИ ҶАТ МЕГУЗАРОНЕМ.
ИН САНДУҚРО АЗ ИН ҶО БАРЕД – ХУДОИ ОНҲО МОРО ҶАЗО ДОДА ИСТОДААСТ!
ИН ДАРД – ИН ВАРАМҲО МАРО МЕКУШАНД!
ИН КОРИ ХУДОИ ЯХУДИЁН АСТ – МО ШУНИДАЕМ, КИ ЧӢ ТАВР Ӯ БО МИСРИЁН ЧУНИН КАРДА БУД.
**ВООООҲ!** ИН ЧИЗИ ЛАЪНАТИРО БА ЭҚРӮН БАРЕД.
ИНРО АЗ ИН ҶО ДУР КУНЕД – ШУМО БА ШАҲРИ МО НАМЕДАРОЕД!
МО НАМЕХОҲЕМ ЗЕРИ ЛАЪНАТИ ХУДОИ ИСРОИЛ АФТЕМ.
САРВАРОНИ ФАЛИШТИЁН БО ҒАЙБГӮЁНИ ХУД МАСЛИҲАТ НАМУДАНД, КИ ЧӢ КУНАНД …
САНДУҚРО БА ИСРОИЛ БАРГАРДОНЕД ВА ШУМО ШИФО МЕЁБЕД.
“НУСХАҲОИ ТИЛЛОИИ ОБИЛАҲОИ ТИЛЛОӢ ВА МУШҲОРО, КИ КИШВАРИ МОРО ХАРОБ МЕКУНАНД СОЗЕД”.
“САНДУҚРО БА АРОБА ГУЗОШТА, БО ДУ МОДАГОВИ НАВЗОЙ, КИ ЮҒ БАР ГАРДАНАШОН МОНДА НАШУДА БОШАД, ФИРИСТЕД”.
“АГАР ОНҲО СӮИ ИСРОИЛ РАВОНА ШАВАНД, ПАС ИН ДАСТИ ХУДОСТ”.
“АГАР БА ОН СӮ НАРАВАНД, ПАС ҲАМАИ ОН ЧИ БА МО РӮЙ ДОД, ТАСОДУФӢ БУДААСТ”.


НИГОҲ КУНЕД – ИН САНДУҚИ АҲД АСТ.
БОВАРИЯМ НАМЕОЯД – ХУДО ОНҲО БА ХАЛҚИ ХУД БАРГАРДОНДААСТ.
БА ИН ОБИЛАҲОИ ТИЛЛО ВА МУШҲОИ ТИЛЛО НИГАРЕД.
ҲА, ПАНҶТОГӢ АЗ ҲАР КАДОМАШ – ЧУН ҚУРБОНИИ ГУНОҲ БАРОИ ҲАР ЯКЕ АЗ ПАНҶ ШАҲРИ ФАЛИШТИЁН.
ИН ДАСТИ ХУДОСТ – МО БОЯД ӮРО ЭҲТИРОМ НАМОЕМ.
ИН АРОБАРО ШИКАНЕД, МО ЧӮБИ ОНРО БАРОИ ҲАМЧУН ҚУРБОНИИ СӮХТАНӢ БА ПАРВАРДИГОР ТАҚДИМ КАРДАНИ МОДАГОВҲО ИСТИФОДА МЕБАРЕМ.
ООООҲ!
АММО АЗ МИЁНИ МАРДУМИ ОН ШАҲР ҲАФТОД НАФАР МУРДАНД... ЧУНКИ БА ДАРУНИ САНДУҚИ ПАРВАРДИГОР НИГОҲ КАРДА БУДАНД;
МАРДУМИ ҚИРЯТ-ЕОРИМ ОМАДА, САНДУҚИ ПАРВАРДИГОРРО БАРДОШТА БУРДАНД ВА ЭЛЪОЗОРРО ҲАМЧУН КОҲИН ТАҚДИС НАМУДАНД, ТО КИ САНДУҚИ ПАРВАРДИГОРРО НИГАҲБОНӢ НАМОЯД.


САНДУҚ БИСТ СОЛ ДАР ҚИРЯТ-ЕОРИМ МОНД; ВА МАРДУМ ҲАҚИҚАТАН СӮИ ПАРВАРДИГОР РӮ ОВАРДАНД.
МО АЗ ДАСТИ ДУШМАНОН АЗОБ КАШИДЕМ.
ХУДО МОРО ТАРК КАРД, ЧУНКИ МО ӮРО ТАРК КАРДЕМ.
АГАР ШУМО ҲАҚИҚАТАН СӮИ ПАРВАРДИГОР РӮ ОВАРДА БОШЕД, ПАС, ХУДОЁНИ БЕГОНАРО АЗ МИЁНИ ХУД ДУР КУНЕД, ВА ДИЛҲОИ ХУДРО СӮИ ПАРВАРДИГОР МОИЛ ГАРДОНЕД.
МО ҲАМИН ТАВР МЕКУНЕМ! МО ФАҚАТ ЯҲУВАРО ПАРАСТИШ МЕКУНЕМ.
ПАС, ДАР МИСФО ҶАМЪ ШАВЕД.
МАРДУМ РӮЗА ДОШТАНД ВА ГУНОҲҲОИ ХУДРО БА ҲУЗУРИ ПАРВАРДИГОР ЭЪТИРОФ НАМУДАНД.
ОНҲО БА ПАРАСТИШИ ХУДО САР КАРДАНД, ЧУНОН КИ Ӯ ДАСТУР ДОД.
ФАЛИШТИЁН ҶАМЪ ШУДАНД.
БИГУЗОР БИЁЯНД.



ЗАРБА!
ИН ЧИСТ?!
ГУЛДУРРОС!
ИН ШОЯД БОЗ ДАСТИ ХУДОИ ИСРОИЛ БОШАД -- ГУРЕЗЕД!
ХУДО БО МОСТ!
БУБИНЕД, ЧӢ ТАВР ФАЛИШТИЁН АЗ ПЕШИ МО МЕГУРЕЗАНД.
ОНҲОРО ТАЪҚИБ КУНЕД – ХУДО ОНҲОРО БА ДАСТИ ШУМО ДОДААСТ.
ИМРӮЗРО ДАР ЁД НИГОҲ ДОРЕД, МАРДУМИ ИСРОИЛ.
ИН САНГ ЁДГОРИИ ОН МЕШАВАД, КИ ”ТО ИН ҶО ПАРВАРДИГОР БА МО ЁРӢ РАСОНД”.
ТО ИН ҶО ПАРВАРДИГОР БА МО ЁРӢ РАСОНД.
ТО ИН ҶО ПАРВАРДИГОР БА МО ЁРӢ РАСОНД!
ВА ДАР ТАМОМИ АЙЁМИ УМРИ САМУИЛ ДАСТИ ПАРВАРДИГОР БАР ФАЛИШТИЁН БОЛО БУД.
ВА САМУИЛ ТАМОМИ ИСРОИЛРО ДАВР ЗАДА, БАРОИ МАРДУМ ДОВАРӢ МЕНАМУД.

"THE BIBLE EXPLAINED IN EVERY LANGUAGE."








**SUPERBIBLE.TV**